# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-024–и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. – Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати академики АМИТ Ю.Яқубов, доктори илмҳои таърих, профессор Т.Х.Турсунов ва доктори илмҳои таърих, профессор С.С.Тиллоев бо таҳқиқоти диссертатсионии Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. – Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) мувофиқат мекунад.

Рисолаи номзадии Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822-1918)», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ ва ҷамъбастшуда буда, ба талаботи муқаррарнамудаи рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих пурра ҷавобгӯ мебошад. Рисола омӯзиши таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ дар кишварҳои ҷаҳон яъне аз соли нашри нахустин рӯзнома ба забони форсӣ бо номи «Ҷоми ҷаҳоннамо» аз 28 марти соли 1822 то анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳон дар соли 1918 ва ҳамзамон поён ёфтани давраи таърихи нав ва оғози таърихи навтарин дар ҷаҳонро дар бар мегирад, дар асоси маводи амиқи бойгонӣ, маълумоти матбуоти даврии расмӣ ва адабиёти илмии мавҷуда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ализода Алиҷон Анвар ба яке аз масъалаҳои мубрам ва таҳқиқнашудаи - таърихи ташаккул ва такомули матбуоти форсӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон бахшида шуда, дар кафедраи «Таърихи умумӣ ва илмҳои ҷомеашиносӣ»-и Донишгоҳи давлатии Данғара омода ва мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Дар таърихи пурғановати қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон то ҳол саҳифаҳои зиёди норавшан ва таҳқиқношуда вуҷуд дорад, ки мавриди баҳсу баррасӣ ва омӯзишу пажуҳиш қарор додани онҳо вазифаи муаррихон аст. Яке аз чунин мавзуҳои таҳқиқнашудаи таърихи ташаккул ва такомули матбуоти форсӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон мебошад.

Матбуот муҳимтарин василаи пайвандкунандаи мардум бо тамоми шохаҳои ҳокимият буда, баробари бохабар кардани омма аз ҳар гуна ҳодисаву воқеаҳои дохиливу хориҷи кишвар, инчунин дар маърифатнокӣ, ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии инсон нақши муассир мегузорад. Матбуоти ҳамсони нашрияҳои имрӯза аз қабили рӯзнома, ҳафтанома, моҳнома, маҷалла, фаслнома ва монанди инҳо мисли дигар ҳама воситаҳои алоқа ва табъу нашр бидуни истисно раҳоварди тамаддун ва фарҳанги Аврупо буда, аммо дар манотиқи гуногуни қаламрави забони форсӣ бо номҳои гуногун шуҳрат пайдо намудаанд. Аз ҷумла дар Ҳиндустон, ки маҳди матбуоти форсизабон маҳсуб меёбад, ба тарҷума ва ифодаи мафҳуми истилоҳоти аврупоӣ пардохта, матбуотро аз вожаи англисии «нюс» тарҷума карда, «ахбор» номиданд. Туркҳо «вақоеъ», арабҳо «авроқ» ва ҷарида»-ро қабул кардаанд. Дар Эрону Афғонистон вожаҳои «ахбор» ва «вақоеъ», дар Осиёи Миёна калимаҳои «рӯзнома» ва «газета» маъмул гардид.

Устод Садриддин Айнӣ дар бораи таъсири матбуот дар ҳаёти ҷомеа изҳори ақида намуда, навишта буд, ки дар зери таъсири матбуоти форсию туркӣ, ки аз шаҳрҳои мухталифи Ҳиндустон, Эрон, Туркия, Руссия ва ғайра ба Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро ворид мегардид, дар ин сарзамин ҷавононе пайдо шуданд, ки низоми сиёсию иҷтимоию иқтисодию фарҳангии кишварро дигаргун дидан мехостанд. Ва пеш аз ҳама онҳоро бемаърифатию бесаводии халқашон азоб медод. Барномаи нонавиштае, ки онҳо мехостанд дар ҳаёт татбиқ намоянд, тахминан чунин буд: Дар байни аҳолӣ беилмӣ ва бефикриро нест кардан, барои ин ба ривоҷи мактаби ибтидоӣ кӯшидан,

адабиёти нав ва матбуоти ҳаррӯзаро дар байни мардум паҳн кардан; бо уламои паскаш мубориза бурдан, бо ин мақсад разолати уламо ва мадрасаҳоро пеши назари мардум кушода нишон додан, ба кушода шудани фикри талабагони мадраса, хусусан фарзандони уламо кушидан, масъалаи ислоҳи мадорисро пеш бурдан; зулм ва фасоди арбоби ҳукуматро ба халқ кушода нишон додан; исроф ва бидъатҳои байни аҳолиро барҳам задан; аз байни аҳолӣ таассубҳои ҷоҳилона, низоъҳои мазҳабиро барҳам додан ва ғайра.

Дар давраи мавриди назари муаррих дар кишварҳои форсизабон суннати ба худ хоси «фарҳанги рӯзноманигорӣ» шакл гирифт. Ғайр аз «фарҳанги рӯзноманигорӣ» фақат ташаккули мушаххасот ва мухтасоти куллиёти нашрияҳо набуда, балки таъкиди ташаккули тафаккури худшиносиву арзишдиҳандаи аз назари таърихӣ воқеӣ, афкори пешқадам ва таҷдидгаро дар шакли содаву ба фаҳми умум дастрас мебошад.

Таҷрибаи беш аз сисолаи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар шароити соҳибистиқлолӣ истифода аз мероси таърихиву фарҳангии ниёгон дар пешрафти худшиносии миллӣ яке аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад. Аз саҳифаҳои таърих берун кашидану дастраси имрӯзиёну ояндагон қарор додани дастовардҳои гузашта яке аз паҳлӯҳои муҳимми худшиносию худогоҳӣ мебошад. Аз ин лиҳоз мавзуеро, ки муаррих мавриди таҳқиқ қарор додааст, хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тавсифи маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад пешниҳод намудааст.

**Доир ба натиҷаҳои таҳқиқот**, ки бо кори диссертатсионӣ алоқаманданд, 9 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз он 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои

тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда чоп шудаанд.

**Мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти** мазкурро омӯзиш ва таҳқиқу хулосабарории таърихи ташаккули матбуоти.форсӣ ташкил менамояд.

-ошкор намудани заминаҳо ва сабабҳои таърихию иҷтимоии ташаккули матбуоти форсизабон;

-нишон додани раванди ба вуҷуд омадан ва рушд ёфтани рӯзномаҳои форсизабон;

-ба риштаи таҳқиқ кашидани таърихи пайдоиш ва марҳалаҳои ташаккули рӯзномаҳои форсӣ дар нимҷазираи Ҳинд;

-таҳқиқ намудани вазъи матбуот дар Эрон то Инқилоби машрутаи солҳои 1905-1911, дар солҳои инқилоб ва баъд аз он;

-тавсифи матбуоти форсӣ дар Осиёи Миёна;

-нишон додани ҷойгоҳи рӯзномаи «Бухорои шариф» дар тарғибу ташвиқи маорифпарварӣ;

-ошкор намудани нақши нашрияҳои М. Беҳбудӣ дар бедории афкори ҷомеа;

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки мавзуи мазкур дар таърихи ватанӣ бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегирад:

-ба таври комплексӣ таърихи ташаккули матбуот ба забони форсӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

-таърихи таъсис ва роҳи тайнамудаи рӯзномаҳои давлатию ғайридавлатӣ дар Эрон ва ҳамчунин марҳалаҳои рушди матбуот, мавзуҳои асосии дарҷшуда дар саҳифаҳои онҳо баррасӣ гардидааст;

-заминаҳои пайдоиши матбуоти форсӣ-тоҷикӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна, таърихи пайдоиши нахустин рӯзномаи тоҷикӣ бо номи «Бухорои шариф», нақши он дар тарғиби илму маориф ва бедории фикрии омма нишон дода шудааст.

-Нимҷазираи Ҳинд зодгоҳи матбуоти форсӣ қаламдод шуда, бо арқому омори дақиқ ва саҳеҳ муаллифи диссертатсия исбот намудааст, ки нахустин рӯзномаи сирф форсизабон «Ҷоми ҷаҳоннамо» буда, нахустин шумораи он 28 марти соли 1822 дар шаҳри Калкутта табъу нашр шудааст;
-таърихи пайдоиши рӯзномаҳо ба забони форсӣ дар дигар кишварҳои ҷаҳон, омилҳои ба вуҷуд омадани онҳо, мавзуҳои асосии дар саҳифаҳои онҳо дарҷшуда, таъсири онҳо ба ҷомеа, аз ҷумла ба равшанфикрону таҳсилкардагон дар аморати Бухоро ошкор карда шудааст;
-намунаҳои маводи дарҷшуда дар саҳифаҳои матбуоти форсизабони кишварҳои ҷаҳон бори аввал ба хонандаи тоҷик муаррифӣ шудааст.

Автореферати рисола ба талаботи имрӯзаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пурра ҷавобгӯ буда, мазмун ва муҳтавои диссертатсияро ҳамаҷониба инъикос менамояд ва ба чоп тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, комиссияи экспертӣ хулоса менамояд, ки диссертатсияи аз ҷониби Ализода Алиҷон Анвар таҳияшуда таҳқиқоти илмии мустақилона ва ҷамъбастшуда буда, муаллифи рисола мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаро пурра иҷро намудааст, асосҳои методологӣ ва методҳои илмие, ки истифода шудаанд, ҷавобгӯи талаботи муосири илм мебошанд. Аз рӯйи натиҷаҳои ба дастомада, истифодаи амалӣ ва сифати таҳқиқ, рисола ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. – Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мазуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. – Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»

## ҚАРОР КАРД:

1.Диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мазуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. – Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6.1.2. – Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Сафолзода Муҳаммадӣ Қурбон** – доктори илмҳои таърих, профессори филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе

– **Исмоилова Машҳура Баҳоватдиновна** – номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзи ва кор бо мутахассисони ҷавони МДТ-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

3. **Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**5**. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои таърих, профессор Турсунов Т.Х.

**Аъзои комиссияи ташхис:**
профессор, академики АМИТ Яқубов Ю.

доктори илмҳои таърих, профессор Тиллоев С.С.

*Имзоҳои Турсунов Т. Х., Яқубов Ю. ва Тиллоев С.С.-ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

«29» 12 2025